# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34.- Физиология

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ мегарданд: - мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферати Азизӣ Нигора Насрулло мубрам буда, дар он бори аввал тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва дар баррасӣ ҳимояи он иҷозат дода шуд.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 1.5.34.-Физиология, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-декабри соли 2020, №6 ва бо тағйиру иловаҳо аз 10-декабри соли 2025, №483 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад: Банди 1. Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимияти муҳити дохилии организм. Банди 2. Таҳлили механизмҳои танзими асабӣ ва гуморалии равандҳои генетикӣ, молекулярӣ, биохимиявӣ, ки динамикаи алоқамандии функсияҳои физиологиро муайян мекунад.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти ба номи академик Сафаров Х.М. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримзода Акобир Изатулло, ва аъзоёни комиссия - доктори илмҳои биологӣ, профессор, ноиби Президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Амиршозода Файзулло Сафар ва номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ташхиси лабораторӣи клиникӣ ва биохимиявии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Тошболтаева Саломат Сафаралиевна бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (“Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267” аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд. Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

Мавзуи рисолаи номзадии Азизӣ Нигора Насрулло актуалӣ буда, дар он бори аввал тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва

биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Муҳиммияти мавзуъ.** Пандемияи COVID-19 (Coronavirus disease - 2019) ҳамчун яке аз серталафоттарин сироятҳо дар таърихи нсоният ба қайд гирфифта шуд. Давоми пандемияи COVID-19 704 753 млн одамон дар тамоми дунё бо он сироят ёфтаанд. Аз ин миқдор 675 619 млн нафарашон сиҳат ёфтаанд. Миқдори одамони вафоткарда 7 010 млн нафарро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда ба 0,99% баробар буд [Муродов А.М. бо ҳаммуалифон 2020; Li X. бо ҳаммуалифон 2020]. Аз таърихи талхи пандемияи COVID-19 маълум гашт, ки новобаста аз инкишофи тибби ҳозиразамон, ҷомеаи ҷаҳонӣ барои пешгирии чунин сироятҳои мудҳиш омода нест. Пандемияи бемории COVID-19 таъсири худро ба ҳама мамлакатҳо, новобаста аз рушди соҳаи хизматрасонии тиббиашон расонид ва боиси беморшавӣ ва фавти яку якбораи шумораи зиёди одамон гашт [Пшеничная Н.Ю. бо ҳаммуалифон 2020; Ren L.L. бо ҳаммуалифон 2020].

Хусусияти пандемияи COVID-19 аз он иборат буд, ки аз ҳама шумораи зиёди беморшавӣ дар он мамлакатҳое ба қайд гирифта шуд, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва хизматрасонии тиббӣ дар сатҳи баланд қарор доштанд (ИМА, Испания, Италия, Олмон, Чин, Фаронса, Британияи Кабир, Белгия ва ғайра) [Муродов М.М. бо ҳаммуалифон 2020; Ren L.L. бо ҳаммуалифон 2020].

Аммо новобаста аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ, инкишофи тиб, ягон давлати дунё дар танҳоӣ натавонист, ки худро аз паҳншавии ин бемории вирусӣ муҳофизат намояд. Зарари иқтисодӣ ва талафоти ҷоние, ки бемории COVID-19 ба амал овард, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ дарси ибрат буда, аз мо талаб мекунад, ки ҳарчи бештар оиди қонуниятҳои паҳншавии бемориҳои вирусӣ, механизми патогенӣ, роҳҳои пешгирӣ ва табобати ингуна бемориҳо маълумот дошта бошем [Пшеничная Н.Ю. бо ҳаммуалифон 2020; Vankadari N. бо ҳаммуалифон 2020].

Гарчанде оиди хусусиятҳои биологӣ, сохтори молекулавӣ, паҳншавӣ ва роҳҳои сироятёбӣ бо вируси COVID-19 як қатор таҳқиқотҳо гузаронида шуда бошанд ҳам, то ҳол тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии таркиби хуни беморони сироятёфта пурра омӯхта нашуда, натиҷаҳо баҳсангез ва ба якдигар мухолиф боқӣ мемонанд [Раҷабзода М.Э. бо ҳаммуалифон 2020; Lippi G. бо ҳаммуалифон 2020].

Натиҷаҳои таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳад, ки омӯзиши таъғйирёбии нишондиҳандаҳои лабораторӣи газҳои хун, лахташавии хун, формулаи лейкотситарӣ ва таҳлилҳои биохимиявии хун ва сари вақт бартарафсозии тағйиротҳои патологӣ барои табобати самараноки бемории сироятии COVID-19 аҳамияти муҳим дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Муайян карда шудааст, ки ҳангоми илтиҳоби шадиди роҳҳои нафас мубодилаи газҳо вайрон гардида,

зиёдшавии гази карбонат, камшавии фишори партсиалии оксиген ва паст шудани дараҷаи сершавии гемоглобин бо оксиген ба амал омада, муҳити дохила майл ба тарафи атсидоз менамояд. Аввалин маротиба омӯзиши таркиби ионҳои натрий, калий ва калтсий дар таркиби хуни беморони COVID-19 омӯхта шудааст. Маълум гардид, ки миқдори ионҳои калтсий, калий ва натрий дар беморон кам мешавад. Бори нахуст дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои хуни канорӣ дар беморони бо COVID-19 сироятёфта ба таври мукаммал омӯхта шудааст. Нишондиҳандаҳои хуни сурх вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ ва гуруснагии оксигенӣ ба таври боварибахш зиёд мегарданд, ки ин ба баландшавии часпакии хун мусоидат менамояд. Миқдори лейкотситҳо бошанд, хусусан дар беморони дараҷаи миёнавазнин ва вазнин босуръат зиёд шуда, дар формулаи лейкотситӣ нейтрофилҳо бартарӣ доранд. Омӯзиши индексҳои лейкотситарии заҳролудшавӣ дар беморони дучори COVID-19 моҳияти баланди ташхисӣ зоҳир намуда, нишондиҳандаҳои он дараҷаи баланди вазнинии беморӣ, заҳролуднокии дохилӣ, самаранокии табобат ва пешомади бемориро нишон медиҳад. Мутаносибан дар беморони бо COVID-19 сироятёфта тағйироти боварибахш дар системаи лахташавии хун ба амал меояд. Ин тағйирот асосан дар миқдори фибриноген, вақти қисман фаъолшудаи тромбопластинӣ (ВҚФТ), муносибати байналмилалии муқарраршуда (МБМ) ва Д-димер ба амал омада, гиперкоагулятсия ба вуҷуд меояд. Ин нишондиҳандаҳо моҳияти ташхисӣ ва пешомадгӯӣ доранд.

Аввалин маротиба муайян карда шуд, ки дар 30%-и беморони бо COVID-19 сироятёфта дар системаи узвҳои ҳозима, аз ҷумла ҷигар тағйғироти патологӣ ба амал меояд, ки он дар баландшавии фаъолии ферментҳои аминотрансферазаҳо, амилаза, фосфатазаи ишқорӣ, билирубин ва холестерин зуҳур меёбад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалӣ:** Натиҷаҳои омӯзиши нишондиҳандаҳои физиологӣ, таркиби биохимиявӣ, нишондиҳандаҳои системаи лахташавии хун ва таркиби газҳои хун имконият медиҳанд, ки дараҷаи вазнинии беморӣ муайян карда шуда, сари вақт оиди ба оксигени моеъ пайваст кардани беморон чораҳои фаврӣ андешида шавад. Аз натиҷаҳои бадастомада маълум гардид, ки тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявӣ имконият пайдо мегардад, ки пешомади беморӣ муайян карда шавад ва сари вақт чораҳои амалӣ барои самаранок анҷом додани чорабиниҳои бартарафсозии тағйиротҳо андешида шаванд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар тавсияҳои клиникӣ оид ба ташхису табобати беморони дучори COVID-19 ворид карда шуда, дар амалияи тиб ва соҳаи физиология ва биохимия истифода мешаванд. Натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда метавонанд дар ҷараёни таълими донишҷӯёну шунавандагони ихтисосҳои физиология, биохимия ва тиббии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии муаллиф** аз таҳлилу тавсифи адабиёти илмӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои лабораторӣ, баҳодиҳии натиҷаҳои ҳосилшуда, чопи мақолаҳои илмӣ, тасвияти хулосаҳо ва омода намудани матни диссертатсия иборат мебошад.

**Интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ:** вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионии 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифа пешниҳод гардида, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, 4 боб, 15 зербоб, ки дар онҳо маълумоти асосии адабиёт ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ баррасӣ гардидаанд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт, ки 161 адад (40 ватанӣ ва 121 хориҷӣ) мебошанд, иборат аст. Кор бо 14 ҷадвал, 5 расм ва 27 диаграмма тасвир шудааст.

Рисолаи номзадӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Автореферат ва мақолаҳои чопгардида моҳияти асосии корро инъикос менамоянд.

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар бемории COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. – Физиология пешниҳод шудааст, таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Аз рӯйи муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ доштани диссертатсия ба талаботи боби 3, бандҳои 31 ва 34 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 № таҳти 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Азизӣ Нигора Насрулло барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. – Физиология сазовор аст.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши диссертатсияи унвонҷӯ Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. – Физиология

**Комиссия тавсия мекунад:**

Рисолаи номзадии Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. – Физиология дар шурои

диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шавад.

1. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати:

- **Табариён Бахром Сафар** - доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажуҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;

- **Зафаров Хол Авзалович** - номзади илмҳои биология, дотсенти кафедраи анатомия ва физиологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

2. Ба сифати муассисаи пешбар: МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» интихоб карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи кушод ва ҷойгир намудани автореферати диссертатсия дар сомонаи муассиса, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи автреферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессори
кафедраи физиологияи одам ва
ҳайвоноти ба номи академик Сафаров Х.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Каримзода А.И.

**Суроға:** Индекс, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рудаки, 17. Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 - 15-10. Факс: (+992-37) 227-15-10. E-mail: info@tnu.tj

Имзои А.И. Каримзодаро **тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
Шодихонзода Э.Ш.
"_6_" _08_ 2026с.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, ноиби
Президенти Академияи илмҳои
кишоварзии Тоҷикистон Амиршозода Ф.С.

**Суроға:** Индекс, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Рудаки, 21-А. Телефон: (+992) 221-70-04;
E-mail: aikt91@mail.ru

Имзои Ф.С. Амиршозодаро **тасдиқ мекунам:**
Сармутахассис оид ба кадри Академияи
Илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Ғаниева Г.Э.
"_6_" _08_ 2026с.

номзади илмҳои биологӣ,
мудири кафедраи ташхиси лабораторӣ
клиникӣ ва биохимиявии ДТБКСТ ҶТ Ташболтаева С.С.

**Суроға:** Индекс, 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи И. Сомонӣ 59. Телефон: (+992 37) 250-31-01;
E-mail: gou@ipovszrt.tj

Имзои С.С. Тошболтаеваро **тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои ДТБКСТ ҶТ Ҳафизова Ф.А.
"_6_" ___08___ 2026с.

7. 08. 2026.